«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТД «Донишгоҳи давлатии Данғара» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____Хайрзода Ш.Қ.
«___» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Дар шароити муосир рушди босуръати ҷомеа, тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин талаботи афзоянда ба омодагии касбӣ ва иҷтимоии ҷавонон масъалаи мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯёнро ба яке аз самтҳои муҳими педагогика табдил додааст. Дар ин раванд мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таҳсилоти олӣ аҳаммияти махсус дошта, барои рушди шахсият, ташаккули мустақилият, масъулият ва мавқеи иҷтимоии онҳо замина фароҳам меорад.

Дар ин замина муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташаккули дониш, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва таҷрибаи иҷтимоии донишҷӯён нақши муҳим доранд. Махсусан, марҳилаи аввали таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ барои донишҷӯ давраи воридшавӣ ба муҳити нави таълимӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, аз ӯ мутобиқ шудан ба талаботи нави таълим, низоми муносибат бо омӯзгорону ҳамкурсон, меъёрҳои муҳити донишгоҳӣ ва шаклҳои мустақилонаи фаъолияти таълимиро талаб менамояд. Муваффақияти ин раванд метавонад ба рушди минбаъдаи шахсӣ, таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯ таъсири назаррас расонад.

Муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таҳсилоти олӣ барои мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён имкониятҳои васеъ дорад. Раванди таълим, фаъолияти тарбиявӣ, муносибатҳои байнишахсӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон ба донишҷӯ имкон медиҳанд, ки на танҳо дониш ва малакаҳои касбӣ аз худ намояд, балки таҷрибаи муносибатҳои иҷтимоӣ, малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, худтанзимкунӣ ва масъулиятро низ ташаккул диҳад.

Бо вуҷуди ин, танҳо ворид гардидани донишҷӯ ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ барои мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии бомуваффақияти ӯ кофӣ нест. Самаранокии ин раванд аз шароити педагогӣ, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, муносибати омӯзгорону донишҷӯён, дастгирии иҷтимоӣ-педагогӣ ва иштироки фаъоли худи донишҷӯ дар ҳаёти таълимӣ ва ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, муайян ва асоснок намудани хусусиятҳо, омилҳо ва шароитҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ зарурати воқеии педагогӣ дорад.

Мутобиқшавии донишҷӯён набояд танҳо ҳамчун одат кардан ба талабот ва шароити нави таҳсил фаҳмида шавад. Муҳим аст, ки дар ҷараёни мутобиқшавӣ донишҷӯ меъёрҳо ва арзишҳои муҳити иҷтимоиро аз худ намуда, қобилияти муошират ҳамкорӣ, мустақилият, масъулият, худшиносӣ ва фаъолнокии иҷтимоии худро инкишоф диҳад. Аз ин лиҳоз, мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ яке аз шартҳои муҳими иҷтимоишавии шахсият ва омодагии донишҷӯ ба фаъолияти минбаъдаи иҷтимоӣ ва касбӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, муайян намудани омилҳо ва шароитҳои самараноки ин раванд ва асоснок намудани роҳҳои педагогии мусоидат ба мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии онҳо барои такмили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият ба таҳлили адабиёти илмӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ, таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ такя намудааст.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби дурусти заминаҳои назариявию методологӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ, таҳлилу муқоисаи маълумоти бадастомада ва санҷиши таҷрибавии шароит ва роҳҳои педагогии пешниҳодшудаи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ таъмин

гардидааст. Робитаи мантиқии байни мақсад, вазифаҳо, мазмуни таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада дар тамоми марҳилаҳои кор нигоҳ дошта шудааст.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бармеоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба такмили раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ-педагогӣ, рушди фаъолнокӣ, мустақилият ва худшиносии донишҷӯён, инчунин баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии шахсияти онҳо равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида дорои пайдарпайии мантиқӣ ва асоснокии кофии илмӣ буда, натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат менамоянд ва метавонанд дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҳамчун яке аз заминаҳои муҳими иҷтимоишавии шахсият аз ҷиҳати назариявию педагогӣ асоснок гардида, роҳу шароитҳои татбиқи амалии он муайян карда шудаанд. Мутобиқшавии донишҷӯён ҳамчун раванди мураккаби педагогӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардида, моҳият, мазмун ва хусусиятҳои асосии он дар шароити муосири таҳсилоти олии педагогӣ мушаххас карда шудаанд.

Дар таҳқиқот хусусиятҳои воридшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити нави таълимӣ-тарбиявӣ, азхудкунии талаботи фаъолияти таълимӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ таҳлил гардида, нақши мутобиқшавии онҳо дар самаранокии раванди иҷтимоишавии шахсият муайян карда шудааст. Дар ин замина омилҳо ва шароитҳои педагогие, ки ба мутобиқшавии самараноки донишҷӯён мусоидат менамоянд, муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Модели методии таълими фанҳои педагогӣ барои донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ таҳия гардида, имкониятҳои он дар мусоидат ба мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоишавии онҳо муайян карда шудаанд. Дар модели пешниҳодшуда робитаи фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, рушди мустақилият, фаъолнокии донишҷӯён ва ҳамгироии онҳо ба муҳити иҷтимоии муассисаи таҳсилоти олӣ ба назар гирифта шудааст.

Дар доираи таҳқиқот меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ муайян гардида, заминаи меъёрии баҳодиҳии раванди мутобиқшавии онҳо таҳия карда шудааст. Ин имкон фароҳам овардааст, ки ҳолат, сатҳ ва динамикаи мутобиқшавии донишҷӯён дар марҳилаҳои гуногуни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян гардида, таъсири он ба раванди иҷтимоишавии шахсият арзёбӣ карда шавад.

Самаранокии модели методии пешниҳодшуда дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, таъсири он ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоишавии онҳо муайян карда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои мутобиқшавии донишҷӯён ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ пешниҳод гардидаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии масъала асосҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мушаххас гардида, нақши ин раванд дар иҷтимоишавии шахсият муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, омилҳо ва шароитҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои он муайян гардида, модели методии таълими фанҳои педагогӣ ҳамчун воситаи мусоидат ба мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум таҳия ва самаранокии он дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили асосҳои назариявию педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун заминаи иҷтимоишавии шахсият зоҳир мегардад. Дар таҳқиқот моҳият ва хусусиятҳои раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум мушаххас гардида, омилҳо ва шароитҳои педагогии ба он таъсиррасон, инчунин меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён муайян ва асоснок карда шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи модели методӣ, роҳу усулҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими фанҳои педагогӣ, ташкили фаъолияти тарбиявӣ, муайян намудани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷтимоишавии онҳо истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот ба мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии бомуваффақияти донишҷӯён, рушди худшиносӣ, мустақилият, масъулият ва фаъолнокии иҷтимоии онҳо алоқаманд мебошад. Фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ-тарбиявӣ барои ҳамгироии донишҷӯён ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ, ташаккули малакаҳои муошират ҳамкорӣ ва омодагии онҳо ба фаъолияти минбаъдаи иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат менамояд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот хусусияти ғайримустақим дошта, дар баланд бардоштани самаранокии раванди таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи оқилонаи имконият ва захираҳои мавҷудаи муассисаҳои

таҳсилоти олӣ ва пешгирии мушкилоти вобаста ба мутобиқшавии номуваффақи донишҷӯён ифода меёбад. Мутобиқшавии самараноки донишҷӯён метавонад барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва омодасозии мутахассисони соҳибтахассус замина фароҳам оварад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо бо мутобиқати масъалаи таҳқиқ ба самтҳои рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такя ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, таҳсилоти олии касбӣ, тарбия ва иҷтимоишавии ҷавонон таъмин мегардад.

Асоснокии натиҷаҳо ба таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ ва хусусиятҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ такя мекунад. Дар асоси онҳо омилҳо ва шароитҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён, нақши ин раванд дар иҷтимоишавии шахсият, инчунин меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён муайян гардидаанд. Эътимоднокии хулосаҳо бо истифодаи усулҳои назариявию эмпирикӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва муқоиса гардида, самаранокии модели методӣ ва роҳу усулҳои педагогии пешниҳодшуда муайян карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, метавонанд барои такмили раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият, муайян намудани хусусиятҳо, омилҳо ва шароитҳои педагогии самаранокии ин раванд иборат мебошад.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда ва маводи интишоргардида, таҳлилу ҷамъбасти сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ, омӯзиши таҷрибаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, муайян намудани омилҳо ва шароитҳои педагогии мутобиқшавӣ, таҳияи модели методии таълими фанҳои педагогӣ, муайян намудани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлилу муқоисаи натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи хулосаву тавсияҳои илмӣ-методӣ ифода ёфтааст.

Довталаб дар асосноккунии назариявӣ ва илмӣ-амалии масъалаҳои марбут ба мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, муайян намудани нақши он дар иҷтимоишавии шахсият, таҳия ва татбиқи модели методии мусоидаткунанда ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум,

инчунин пешниҳоди роҳу усулҳои такмили раванди мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ саҳми мустақим гузоштааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Мазмуну муҳтавои интишороти илмии довталаб ба мавзуи диссертатсия мувофиқ буда, натиҷаҳои асосии назариявӣ, методӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Интишороти мазкур аз муаррифии кофии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Довталаби дараҷаи илмӣ масъалаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявиро ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода, асосҳои назариявию педагогии он, омилҳо ва шароитҳои мусоидаткунанда ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, инчунин нақши ин равандро дар иҷтимоишавии шахсият муайян ва асоснок намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, истифодаи модели методии пешниҳодшуда ва ташкили мақсадноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ба мутобиқшавии самараноки донишҷӯён ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ ва иҷтимоишавии онҳо мусоидат менамояд. Мазмун ва сохтори диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии модели методӣ ва роҳу усулҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологӣ, усулҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақил, мукаммал ва анҷомёфта арзёбӣ мешавад.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар зинаи таҳсилоти олии педагогӣ» буда, дар он заминаҳои назариявӣ ва иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити нави таълимӣ-тарбиявӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ баррасӣ намуда, моҳият ва мазмуни мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ», омилҳои ташаккули онҳо, инчунин хусусият ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёнро муайян кардааст.

Дар боби мазкур мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва яке аз заминаҳои муҳими иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯ баррасӣ гардида, зарурати фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ-тарбиявӣ барои воридшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки мутобиқшавӣ танҳо ба одат кардани донишҷӯ ба шароити нави таҳсил маҳдуд набуда, азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои муҳити донишгоҳӣ, ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, мустақилият, масъулият ва омодагӣ ба фаъолияти таълимию касбиро низ фаро мегирад.

Дар фасли якуми боби якум «Хусусиятҳои хоси таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити муосир» хусусиятҳои низоми таҳсилоти олии педагогӣ ва талаботи муосир ба омодасозии мутахассисони оянда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф тағйироти иҷтимоӣ ва таълимии замони муосирро таҳлил намуда, нақши муассисаи таҳсилоти олии педагогиро дар ташаккули шахсият ва омодагии касбии донишҷӯ баррасӣ кардааст.

Дар ин фасл хусусиятҳои муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ муайян гардида, талаботи нав ба фаъолияти таълимӣ, мустақилияти донишҷӯ, муносибат бо омӯзгорону ҳамкурсон ва иштироки ӯ дар ҳаёти донишгоҳӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Зарурати мутобиқ намудани донишҷӯёни курси якум ба чунин шароит ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми идомаи бомуваффақияти таҳсил ва рушди шахсияти онҳо асоснок карда мешавад.

Дар фасли дуюми боби якум «Мафҳумҳои “мутобиқшавӣ” ва “мутобиқшавии иҷтимоӣ” дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва омилҳои ташаккули он» мафҳумҳои асосии таҳқиқот мавриди таҳлили назариявӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф муносибатҳои илмии мавҷударо нисбат ба мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» муқоиса намуда, мазмун ва хусусиятҳои онҳоро аз нуқтаи назари педагогӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ баррасӣ кардааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мутобиқшавӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба шарҳ дода шуда, омилҳои дохилӣ ва беруние, ки ба воридшавии донишҷӯ ба муҳити нави иҷтимоӣ ва таълимӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд.

Дар фасли сеюми боби якум «Хусусиятҳо ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои раванди мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни навомада мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин фасл омилҳо ва шароитҳое таҳлил гардидаанд, ки ба ҳамгироии донишҷӯёни курси якум ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ таъсир мерасонанд. Муаллиф нақши муносибатҳои байнишахсӣ, муҳити гурӯҳи академӣ, ҳамкорӣ бо омӯзгорон, фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, инчунин дастгирии иҷтимоӣ-педагогиро дар раванди мутобиқшавӣ нишон

дода, аҳамияти онҳоро барои иҷтимоишавии минбаъдаи донишҷӯён асоснок менамояд.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» буда, дар он ҷанбаҳои педагогӣ ва амалии мутобиқшавии донишҷӯён мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни курси якум, хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии онҳо, модели методии таълими фанҳои педагогӣ ва шароити педагогии таъмини мутобиқшавиро баррасӣ ва асоснок кардааст.

Дар ин боб диққати асосӣ ба муайян намудани роҳу воситаҳои педагогие равона гардидааст, ки барои воридшавии самараноки донишҷӯёни курси якум ба муҳити нави таълимӣ-тарбиявӣ мусоидат менамоянд. Мутобиқшавӣ дар робита бо иҷтимоишавии шахсият баррасӣ гардида, зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва дастгирии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯён нишон дода шудааст.

Дар фасли якуми боби дуюм «Мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум» мушкилоти асосие мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки донишҷӯён дар марҳилаи аввали таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Муаллиф хусусиятҳои мутобиқшавии донишҷӯёнро ба талаботи фаъолияти таълимӣ, шаклҳои нави ташкили таҳсил ва муҳити иҷтимоии донишгоҳ баррасӣ намуда, нақши дастгирии иҷтимоӣ-психологиро дар бартараф намудани мушкилоти мутобиқшавӣ нишон додааст. Дар ин замина аҳамияти ҳамкории омӯзгорон, роҳбарони гурӯҳҳо ва дигар субъектҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар таъмини мутобиқшавии донишҷӯён таъкид карда мешавад.

Дар фасли дуюми боби дуюм «Модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» модели методие пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки ба мусоидат ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум равона гардидааст.

Дар ин фасл мазмун ва сохтори модели пешниҳодшуда, ҷузъҳои асосӣ ва роҳҳои татбиқи он дар раванди таълими фанҳои педагогӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф имкониятҳои фанҳои педагогиро барои мусоидат ба воридшавии донишҷӯ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, рушди мустақилият, фаъолнокии таълимӣ ва иҷтимоӣ ва омодагии ӯ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ нишон додааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм «Шароити педагогии таъмини мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» маҷмуи шароитҳои педагогие

мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки татбиқи самараноки раванди мутобиқшавиро таъмин менамоянд.

Дар ин фасл зарурати ташкили мақсадноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоӣ-педагогӣ, дастгирии ташаббус ва мустақилияти донишҷӯён, рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои донишҷӯёни курси якум асоснок карда шудааст. Шароитҳои пешниҳодшуда ҳамчун заминаи педагогии татбиқи модели таҳияшуда ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии донишҷӯён арзёбӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ» буда, дар он ҷанбаҳои таҷрибавии масъалаи таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикиро муайян намуда, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро асоснок ва самаранокии модели пешниҳодшударо дар ҷараёни озмоиши педагогӣ санҷидааст.

Дар ин боб диққати асосӣ ба ташхиси ҳолати ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯён, татбиқи модели пешниҳодшуда ва муайян намудани тағйироти баамаломада дар натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ равона гардидааст. Маълумоти бадастомада таҳлил ва муқоиса шуда, барои арзёбии самаранокии шароит ва воситаҳои педагогии пешниҳодшуда истифода гардидааст.

Дар фасли якуми боби сеюм «Мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ» асосҳои ташкили таҳқиқоти таҷрибавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти эмпирикиро муайян намуда, марҳилаҳои гузаронидани онро мушаххас кардааст. Дар асоси хусусиятҳои педагогии мутобиқшавӣ меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои арзёбии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум муайян гардида, онҳо барои ташхиси ҳолати ибтидоӣ ва арзёбии тағйироти минбаъдаи раванди мутобиқшавӣ истифода шудаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм «Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ» натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор гирифтаанд.

Дар ин фасл маълумоти дар марҳилаҳои гуногуни озмоиши педагогӣ бадастомада коркард ва муқоиса гардида, тағйироти сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум арзёбӣ карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои муайян намудани самаранокии модели методии пешниҳодшуда, шароитҳои педагогии татбиқи он ва асоснок намудани имконияти истифодаи онҳо дар

раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ хизмат намудаанд.

Мазмуни се боби диссертатсия бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявиро ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият аз омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ то таҳияи модели методӣ, муайян намудани шароити педагогӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии онҳо фаро мегирад. Робитаи байни бобҳо ва фаслҳо нигоҳ дошта шуда, натиҷаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқ барои гузариш ба марҳилаи минбаъда замина фароҳам овардаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташкили мақсадноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ ва истифодаи модели методии пешниҳодшуда барои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ, рушди мустақилият ва фаъолнокии онҳо ва баланд бардоштани самаранокии раванди иҷтимоишавии шахсият имконият фароҳам меорад.

Дастовардҳои таҳқиқот ба риояи методологияи илмӣ, таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, муайян намудани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои мутобиқшавӣ ва истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Усулҳои интихобшуда бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд буда, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои санҷиши муқаррароти асосӣ ва модели пешниҳодшуда истифода гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маводи илмӣ ва илмӣ-методии муаллиф инъикос гардида, масъалаҳои асосии дар диссертатсия баррасишударо фаро мегиранд. Мазмуни бобҳо бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд буда, натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ дар хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия ҷамъбаст гардидаанд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда аз натиҷаҳои таҳқиқот баромада, барои такмили раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои фанҳои педагогӣ, ташкили дастгирии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аҳамияти илмӣ-методӣ ва амалӣ доранд.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия муқаррароти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ

1. Дар диссертатсия васеъ намудани доираи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва дастгирии ҷавонон танзим мекунанд, зарур аст. Таҳлили амиқи ин санадҳо арзиши илмии кори диссертатсиониро баланд мебардорад.

2. Дар боби якум омилҳо ва шароити мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум оварда шудаанд, вале тасниф ва гурӯҳбандии омилҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ пурра кушода дода нашудаанд. Агар муаллиф меъёрҳои фарқкунандаи ин омилҳо ва дараҷаи таъсири мутақобилаи онҳоро мушаххас менамуд, ба дақиқ ва эътимоднок ба даст овардани натиҷаҳо ноил мегардид.

3. Дар боби дуюм модели методии таълими фанҳои педагогӣ пешниҳод шудааст. Хуб мебуд, агар ҷузъҳо ва шароити татбиқи модели мазкур муфассалтар шарҳ дода мешуданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе норасоиҳои имлоӣ, услубӣ ва номувофиқии истилоҳоти илмӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта мебошад.

ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии дар назди худгузошта ноил гардида, иҷрои фарзияҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳоднамударо тасдиқ кардааст.

3. Диссертатсия ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Наботов Ю.Ш. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабзода Дилшод Амиралӣ иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара 12 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест.

Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи педагогика ва психологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» аз санаи 02.10.2026, протоколи №3

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
педагогика ва психологияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара»,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти
кафедраи педагогика ва психологияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» Наботов Ю.Ш.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ,и.в. дотсенти кафедраи
педагогика ва психологияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» Садирова Ҷ.Ш.

Имзои Ғафурова Д.Ҷ., Наботов Ю.Ш., Садирова Ҷ.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон,ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Тел:+99283122-28-06; +992553555765; +992907773610;
E-mail:dddangara_2013@mail.ru; dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj